***ТКБ 371***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-143-148***

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

***Усмонов Давронҷон Абдусаматович**, н.и.п., дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи томактабии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ

***Усмонов Давронжон Абдусаматович**, к.п.н., доцент кафедры педагогики и дошкольной психологии ГОУ "ХГУ" имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# FORMATION OF PROFESSIONAL CULTURE OF FUTURE TEACHER

***Usmonov Davronjon Abdusamatovich**, candidate of pedagogical sciences, Associate Professor of the department of pedagogy and preschool psychology under the SEI "KhSU" named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:** davron.usmonov. 82@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** маориф, омӯзгор, муошират, фарҳанг, инкишоф, шахсият, иттилоот, навоварӣ, равоншиносӣ, педагогика, омодагӣ, ихтисосмандӣ*

*Мақола ба омӯзиш ва таҳлили адабиёти иҷтимоӣ, педагогӣ, равоншиносӣ, нуқтаи назари олимон, муаммоҳои ташаккули фарҳангии омӯзгори оянда, бахшида шудааст. Масъалаи ташаккули фарҳанги касбии омӯзгори оянда, асосҳои педагогию психологии он аз нигоҳи олимон асоснок карда шуда, мафҳумҳои фарҳанги омӯзгор, роҳу усулҳо, муаммоҳои ташаккули фарҳанг, вазифаҳои муносибат ва муошират таҳлил карда шудаанд. Ҳамчунин аз тарафи муаллиф нақши омӯзгор дар ҷомеаи башарӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, доир ба омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ дар робита бо таҳлили муносибатҳои байни одамон, дарки одамон аз ҷониби ҳамдигар, сохтор ва динамикаи гурӯҳҳои хурд, механизмҳои танзими иҷтимоии рафтори инсон, равандҳои муошироти омма баррасӣ шудааст.*

***Ключевые слова:** образование, педагог, общение, культура, развитие, личность, информация, инновация, психология, педагогика, подготовка, специализация*

*Статья посвящена изучению и анализу общественно-педагогической и психологической литературы, взглядов ученых по данной тематике, проблем культурного становления будущего учителя.Обосновываются вопросы формирования профессиональной культуры будущего учителя, её педагогических и психологических основ с точки зрения ученых, анализируются понятие "культура учителя", пути и методы её развития, проблемы формирования культуры, процессы коммуникации в обществе.Рассматриваются такие вопросы, как роль педагога в человеческом обществе, факторы внешнего и внутреннего влияния при анализе межличностных отношений, процесс восприятия людьми друг друга, структура и динамика малых групп, механизмы социальной регуляции поведения человека, процессы публичного общения.*

***Key words:** education, teacher, communication, culture, development, personality, social, informational, innovative, psychology, pedagogy, training, specialization.*

*The article dwells on the study and analysis dealing with socio-pedagogical and psychological literature, the views of scientists, the problems of cultural development of the future teacher.The article substantiates the question of the formation of a professional culture of a future teacher, its pedagogical and psychological foundations from the point of view of scientists, analyzes the concept of a teacher's culture, ways and methods, problems of culture formation, communicative and communicative tasks.The author also scientifically substantiates the role of a teacher in human society, the factors of external and internal influence in the analysis of interpersonal relations, people's perception of each other, the structure and dynamics of small groups, the mechanisms of social regulation of human behavior, and discusses the processes of public communication.*

Марҳилаи ҳозираи рушди таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироти назаррас дар мундариҷаи таълим ва тарбияи омӯзгорони оянда тавсиф карда мешавад. Раванди таълиму тарбия барои инсони ҷомеаи имрӯза талаботи нав мегузорад, то ки шахсияти мустақил, масъулиятшинос, қодир ба ҳалли масъалаҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ бошад ва тавонад дар зиндагӣ то ҳадди имкон худро ошкор созад, эҷодкорӣ намояд ва фардияташро ташаккул диҳад. Чунин бархӯрд ба дарки шахсияти омӯзгори муосир ба фарҳанги касбии ӯ алоқаманд аст, ки

муносибати субъективии муҳимро нисбат ба касби омӯзгорӣ ва маҳорати фаъолияти касбӣ дар сатҳи эҷодии инфиродӣ муттаҳид мекунад.

Дар баробари ин, таҳлили рушди касбӣ ва шахсияти омӯзгори муосир дар амал нишон медиҳад, ки сатҳи фарҳанги касбии аксари омӯзгорон ҳанӯз ба талаботи ҷомеаи муосир ва раванди таълиму тарбия, ки ба талаба нигаронида шудааст, ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ, аз худ намудани фарҳанги касбии омӯзгори оянда шарти зарурии самаранокии фаъолияти касбии ӯ мебошад, ки дар салоҳиятҳои Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ифода ёфта, ба мо омӯзгорон имкон медиҳад, ки ҳамчун ҳадафи раванди таълим дар мактаби олӣ ва ҳамчун самти воқеии тадқиқоти илмӣ ташаккули фарҳанги касбии ояндаро ба назар гирем.

Масъалаи ташаккули фарҳанги касбӣ, ҳамчун муҳимтарин самти тадқиқоти илмии муосир диққати олимони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст.

Назарияи умумии фарҳанг дар асарҳои олимон А.И.Арнолдов, Н.С.Злобин, И.Кант, Л.Фейербах ва дигарон тасвир шудааст [4, с.12.-14].

Солҳои охир фарҳанги касбӣ дар низоми илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ: аз тарафи олимон Е.В.Бондаревская, И.Ф.Исаев, Н.В.Кузмина, В.В.Сериков, В.А.Сластенин ва дигарон бошиддат омӯхта ва мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд [9,с.19;16,с.20].

Масъалаи муносибати муназзам ба таҳлили фаъолияти касбию педагогӣ дар асарҳои олимон С.И.Архангелский, В.И.Андреев, В.П.Беспалко, В.В.Краевский, Н.К.Сергеев ва дигарон баррасӣ шудааст. Фаъолияти касбии омӯзгорро олимон ҳамчун маҷмӯи маҷмӯъҳо, сохтори динамикӣ, бисёрзинагӣ мешуморанд [3;8;15;19].

Дар фанҳои фалсафа, иҷтимоиёт, педагогика, равоншиносӣ оид ба ҷанбаҳои муайяни фарҳанги касбии омӯзгори оянда як қатор тадқиқоте гузаронида шудаанд: методӣ – И.Ф.Исаев, В.В.Краевский, В.А.Сластенин ва дигарон; таърихӣ ва педагогӣ – А.К.Колесова ва дигарон; ахлоқӣ ва эстетикӣ – А.А.Вербитский, Е.А.Гришин ва дигарон; муоширaт – А.В.Мудрик, Т.Н.Левашова, инчунин дар тадқиқоти олимони ватанӣ Ф.Шарифзода, Ш.А.Шаропов, Н.Қ. Амонов мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҷрибаҳои фаъолияти педагогӣ нишон медиҳад, ки барои омӯзгор танҳо донистани асосҳои илм ва услуби корҳои таълимӣ-тарбиявӣ кофӣ нест, ҳамаи донишҳо ва маҳорати амалии вай танҳо ба воситаи муоширати зинда мегузарад [17;2;22;23], маънавӣ – Е.Н. Шиянов ва дигарон.

Доир ба кор карда баромадани муаммоҳои ба миёнгузошташуда тадқиқотҳое мавҷуданд, ки ба тайёр кардани муаллимони оянда, ба фаъолияти эҷодии касбӣ бахшида шудаанд, ба монанди В.И. Андреев, В.И.Загвязинский, В.А.Кан-Калик, А.А.Пашаев, Н.К.Сергеев ва дигарон.

Бояд қайд кард, ки аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти муаллифони дар боло зикршуда хеле назаррас аст. Бо вуҷуди ин, то ҳол маводи ба қадри кофӣ мукаммале, ки барои ҳалли масъалаи ташаккули фарҳанги касбии омӯзгорони оянда зарур аст, ҷамъ оварда нашудааст.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида, аҳамияти мақолаи мазкурро як қатор омил муайян мекунанд, аз ҷумла – талаботи иҷтимоии ҷомеа ба шахсияти омӯзгориояндаи фарҳанги баланди касбӣ дошта ва роҳу усулҳои ташаккули он. Зарурати таҳия, санҷиш ва барои татбиқ омода намудани низоми педагогии ташаккули фарҳанги касбии донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ асоснок аст, зеро он ноил шуданро ба мақсади гузошташуда таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар шароити муосир мухолифат байни талаботи объективии ҷомеа ба омӯзгорониояндаи дорои фарҳанги баланди касбӣ ва шароити ба қадри кофӣ омӯхта нашудаи ташаккул додани он дар донишгоҳи омӯзгорӣ бештар ба назар мерасад. Яъне, тибқи вазъи иҷтимоию фарҳангии имрӯза, зарурати фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули фарҳанги касбии омӯзгорони оянда дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба миён омадааст.

Ҳангоми таҳияи мавқеъҳои ибтидоии назариявии тадқиқот, дар муайян кардани моҳияти фарҳанги касбӣ, бояд ба он нукта такя кард, ки фарҳанги касбӣ ҳамчун як ҷузъи фарҳанги умумибашарӣ, ки таҷрибаи ҷаҳонии педагогӣ дорад баррасӣ карда мешавад. Он тағйирёбии даврахои фарҳангӣ, тамаддунҳои педагогии мувофиқи таърихӣ, илмӣ ва маорифи педагогиро дар бар мегирад. Фарҳанги касбиро ҳамчун тағйирот дар навгониҳои таълимӣ ҳисобидан мумкин аст. Мо асарҳои олимон О.А.Абдуллина, С.И.Архангелский, Е.В. Бондаревская, В.А.Кан-калик, Н.В.Кузмина, В.А.Сластенин ва дигаронро таҳлил кардем, бо вуҷуди ин, дар онҳо таърифи ягона ва аз тарафи умум эътирофшудаи фарҳанги касбии муаллими оянда мавҷуд нест [1;13;16; 21].

Инак, дар нақшаи иҷтимоию педагогӣ – фарҳанги касбӣ ва педагогӣ, ки падидаи мураккаби иҷтимоии ҳаёт ва фаъолияти бисёрҷонибаи инсонро инъикос ва тавсиф мекунад, ҳамчун ҷузъи

фаъолияти маънавии ҷомеа баррасӣ шудааст, А.В.Барабаншиков, Е.В. Бондаревская, И. Ф. Исаев ва дигарон.

Дар нақшаи инфиродӣ-шахсӣ он ҳамчун унсури камолоти иҷтимоии шахсият маънидод карда мешавад, ки ба сохтори фарҳанги касбӣ дохил кардани чунин ҷузъҳо, аз қабили маънавӣ-интеллектуалӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, арзишӣ-эмотсионалӣ, эҷодиро дар назар дорад.Т.В. Иванова, В.А.Сластенин ва дигарон [21].

Таҳлили асарҳои илмӣ ба мо имкон дод, ки самти таҳқиқоти педагогии мафҳуми "фарҳанги касбӣ"-и омӯзгори ояндаро мураттаб карда, моҳият ва таркиби онро муайян намоем, шароитҳои педагогии ташаккули онро, ки ҳамчун навсозӣ дар раванди таълими муосир маҳсуб меёбад, ҷустуҷӯ кунем.

Тибқи афкори олимони зикргардида, мо фарҳанги касбии муаллими ояндаро хамчун системаи мураккаби аз ҷиҳати ирсӣ ва иҷтимоӣ муайян шуда, чун таркиби фарҳанги умумибашарӣ, унсури тарбияи шахсии интегративии мутахассиси соҳибихтисос мефаҳмем, ки он тариқи мавҷудияти захираи кофии педагогӣ, методӣ, донишу малакаҳои махсус дар якҷоягӣ, бо сифатҳои баланди шахсӣ ва ахлоқӣ, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ тавсиф карда мешаванд.

Дар асоси ин таъриф сифатҳои муҳими касбӣ, ки ба фарҳанги касбии омӯзгори оянда хосанд, нишон дода шудаанд. Ин сифатҳо бояд дар ягонагии мураккаби сохторӣ амал кунанд, ки асоси онҳоро муносибатҳои умумии педагогӣ, шахсию ахлоқӣ, эҷодӣ ва фаннӣ ташкил медиҳанд ва ҷузъҳои касбии зеринро дар бар мегиранд.

Ҷузъи умумии педагогӣ, асоси тамоми омодагии касбию педагогӣ буда, ҳамаи вазифаҳои фаъолияти педагогиро дар бар мегирад, аз ҷумла донистани ғояҳои бунёдӣ, мафҳумҳо, қонунҳо ва қонуниятҳои инкишофи падидаҳои педагогӣ, донистани назарияҳои пешбари педагогӣ, категорияҳо ва мафҳумҳои асосӣ, донистани далелҳои бунёдии педагогӣ, доштани донишҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, психологӣ ва физиологӣ, дониши технологияҳои пешқадами педагогӣ ва инноватсияҳо, донистани равандҳои ташаккул ва инкишофи фаъолияти равонии хонанда, донишҷӯ, қобилиятҳои ӯ, донишҳои амалии методикаи умумии таълиму тарбияи мактаббачагон ва ғайра.

Ҷузъи шахсӣ ва ахлоқии фарҳанги касбии омӯзгори ояндаро, ки ташаккули фарҳанги ахлоқиро дар назар дорад, бидуни аз худ намудани асосҳои он ҳамчун «мутахассиси баландихтисос», тасаввур кардан душвор аст. Фарҳанги ахлоқӣ дар ин ҳолат, яке аз ҷузъҳои бунёдии фарҳанги касбӣ мегардад. Мутахассиси оянда бояд меъёрҳои ахлоқии ҷомеаро риоя кунад, ба одамон ва зиндагӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, хислатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, таҳаммулпазирӣ, худдорӣ, оромӣ, меҳрубонӣ, матонат, хушмуомилагӣ, меҳнатдӯстӣ, қобилияти баланди корӣ, масъулиятнокӣ, қобилияти гузоштани ҳадаф, интихоби роҳҳои ноил шудан ба он, истодагарӣ ва монанди инҳоро доро бошад.

Ҷузъи эҷодӣ яке аз ҷузъҳои муҳими сохтори фарҳанги касбии омӯзгори оянда буда, дар қобилияти ба ҳадди аксар муташаккил, аз ҷиҳати педагогӣ оқилона истифода бурдани шаклу усулҳои гуногуни таълиму тарбия, дониши касбӣ ва сифатҳои шахсии ӯ зоҳир мегардад.

Қисмати эҷодии фарҳанги касбӣ инчунин дар эҷоди ғояҳои нави педагогӣ, дар маҳорати ҳалли масъалаҳои ғайримуқаррари педагогӣ ифода меёбад. Баландтарин маҳорати эҷодкорӣ, фаъолияти доимии мустақилонаи тадқиқотии омӯзгори оянда мебошад, ки бе он такмил ва худтарбиякунии ӯ ғайриимкон аст.

Ҷузъи фаннӣ-касбии фарҳанги касбии омӯзгори оянда дар сохтори шахсияти мутахассиси оянда зарур ва ҳатмист, ки завқи эстетикӣ, тобиши эмотсионалӣ, аз ҷумла, офаридани асарҳои бадеиро инъикос мекунад, ки ин дар сохтори шахсияти муаллим мавҷудияти ягонагии қобилиятҳои умумии махсусро дар назар дорад.

Ташаккули фарҳанги касбии омӯзгори оянда – раванди махсус, муташаккил, мунтазам, мақсаднок мебошад ва марҳилаҳои инкишофи фаъолияти педагогиро дар заминаи ташаккули фарҳанги касбӣ, ҳамчунин мувофиқати стандартҳои расмии педагогӣ, хусусиятҳои тахассусӣ ва андешаҳои донишҷӯёнро дар бораи идеали касбии педагогӣ дар назар дорад.

Асоси назариявӣ ва методии раванди баррасишаванда имкон дод, ки шароитҳои педагогӣ, ки ба ташаккули самараноки фарҳанги касбии омӯзгори оянда мусоидат мекунанд, ба ҷузъҳои асосии раванди таълим дар робитаи ҷудонашаванда ва вобастагии онҳо мувофиқанд, ҷудо карда шаванд.

Аз шартҳои педагогӣ мо шароитҳои воқеии махсус, яъне ба вуҷуд омадани фаъолияти касбии донишҷӯёнро мефаҳмем, ки ба ташаккули фарҳанги сатҳи баланди касбӣ ҳамчун муҳимтарин сифати шахсии мутахассиси соҳибихтисос мусоидат мекунад. Аҳамияти иҷтимоӣ ва педагогии чунин маҷмӯи шартҳо дар он аст, ки мавҷудияти онҳо дар раванди таълими донишгоҳи омӯзгорӣ ба самаранокии ташаккули касбии педагогӣ бо арзишҳои максималии номиналии дар ҳар як донишҷӯ мавҷуд буда, таъсир мерасонад.

Низоми шароитҳои ташаккули фарҳанги касбии омӯзгорони оянда ҳамчун асосҳои педагогии ташкили самараноки раванди таълим дар донишгоҳ (шароитҳои беруна) аз он бармеояд, ки раванди ташаккул бояд ба як низом ворид карда шавад, аз ҷумла шакли идоранамоӣ ва ташаккули равандӣ педагогӣ.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташаккули фарҳанги касбии омӯзгорони оянда дар муҳити донишгоҳ, чунин раванди таълимро ташкил кардан лозим аст, ки бояд табдили фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ба фаъолияти касбӣ бо тағйири мувофиқи талабот, ангезаҳо, мақсадҳо, амалҳо, воситаҳо ва натиҷаҳо мувофиқат намояд (шароити дохилӣ).

Мо чунин мешуморем, ки яке аз шартҳои асосии педагогии берунии ташаккули фарҳанги касбии омӯзгорони оянда ба раванди таълими донишгоҳ ворид намудани амсилаҳои назариявии мувофиқе мебошад, ки системаи гузариш аз фаъолияти таълимӣ ба касбиро муқаррар мекунанд (назарияҳои илмӣ, имитатсионӣ), моделҳои омӯзиши иҷтимоӣ А.А. Вербитский [10].

Моҳияти шартҳои педагогии дар боло зикргардида дар он аст, ки мазмуни таълим ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва касбӣ тартиб дода мешавад, ки сараввал худи донишҷӯро ба мавқеи фаъол мегузорад. Мазмуни куллии фаъолияти касбӣ дар системаи муаммоҳои таълимӣ, вазифаҳо ва моделҳои ба масъалаҳои касбӣ наздикшуда ифода меёбад. Мақсад аз таъмини фарогирии шахсии омӯзгори оянда ба рушди фаъолияти касбӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги инсонӣ, ғанӣ гардонидани таҷрибаи иҷтимоӣ тавассути рушди эҷодии шахсияти мутахассиси оянда, аз ҷумла соҳаи ҳавасмандии ӯ мебошад.

Мо инчунин таъсири фарҳанги касбии педагогиро ба ҳамаи соҳаҳои шахсияти (ҳавасмандгардонии эҳтиёҷот, зеҳнӣ, эмотсионалӣ-ихтиёрӣ, фардӣ-рафторӣ) мутахассиси оянда, ки яке аз шартҳои берунии педагогии ташаккули фарҳанги касбии донишҷӯ ба ҳисоб меравад баррасӣ намудаем. Моҳияти он дар ташкили раванди таълимии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар шароити донишгоҳ, мебошад, ки муносибати комплексиро ба ташаккули фарҳанги касбии донишҷӯён ва ба фаъолияти амалии онҳо дохил намудани намудҳои фаъолияти гуногуни касбии дар пеш истодаро дар назар дорад. Мақсад аз он, такмили самараноки ташаккули фарҳанги касбӣ ҳамчун қисмати калидии тарбияи интегративӣ, яксонӣ, умумии шахсияти омӯзгори оянда аст.

Шарти навбатии берунии педагогӣ, ин принсипи муттаҳидшавӣ дар сохтмони мазмуни таълим мебошад. Моҳияти он дар ягонагии донишҳои умумии илмӣ, касбӣ ва махсус тавассути татбиқи маҷмӯи принсипҳои муайяни педагогӣ, усулҳои методӣ мебошад. Муайян кардани муҳимтарин далелҳо, падидаҳо, қонуниятҳо аз доираи илмҳои фундаменталӣ барои рушди бошууронаи фанҳои давраҳои махсус ва умумии касбӣ, яъне муайян намудани минимуми оптималии дониш, малака ва маҳорат барои бомуваффақият аз худ намудани ихтисоси лозима.

Муҳимтарин шарти дохилии ташаккули фарҳанги касбии омӯзгорони оянда, ташаккули ҳавасмандии мувофиқ мебошад. Моҳият дар он аст, ки натиҷаи чунин фаъолияти муайяни шахсӣ ба даст оварда шавад, ки мақсадҳои аз берун муқарраршудаи фаъолияти ӯро ба эҳтиёҷоти дохилии вай табдил диҳад. Ҳадаф, баланд бардоштани тамоюли касбии шахсияти донишҷӯ дар донишгоҳ, фароҳам овардани шароити психологию педагогие, ки дар он донишҷӯ метавонад мавқеи фаъоли шахсиро ишғол намуда, худро ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва ояндаи педагогӣ пурра зоҳир намояд.

Шарти навбатии дохилии педагогӣ, ки ба ташаккули самарабахши фарҳанги касбии мутахассисони оянда мусоидат мекунад, амалисозии муносибати тавриқавӣ-инфиродии таълими донишҷӯён мебошад. Моҳияти ин шарт аз он иборат аст, ки ҳар як донишҷӯ ба раванди ташаккули фарҳанги касбӣ ҳар чӣ бештар ҷалб карда шавад. Ин шарт дар татбиқи воситаҳои инфиродии таълим, шаклу усулҳои кор дар дарсҳои доираи инфиродӣ, инчунин дар истифодаи курсҳои махсуси инноватсионӣ дар раванди таълим барои ташаккули услуби фардии касбию педагогӣ ифода меёбад. Ҳадаф аз он таъмини рушди оптималии сифатҳои муҳими

касбии мутахассисони оянда тавассути баррасии оқилонаи маълумоти мушаххас оид ба хусусиятҳои фардии ҳар як донишҷӯ аст.

Дар доираи шартҳои дохилии педагогии ташаккули фарҳанги касбии донишҷӯён мо инчунин истифодаи вазифаҳои тарбиявию педагогии дорои характери эвристикӣ, тадқиқотӣ, эҷодиро дар раванди таълим ба назар гирифтаем. Моҳияти гуфтаҳои боло дар дарк кардани мазмуни фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён бо ҷустуҷӯи ҳалли аслии эҷодӣ, вазифаҳои умумии педагогӣ ва мушаххас (мувофиқи ихтисоси интихобшуда) иборат аст. Ҳадаф аз он ташаккули ибтидои эҷодӣ дар байни мутахассисони оянда ҳамчун ҷузъи муҳими фарҳанги касбист.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлиле, ки дар доираи мақолаи мазкур гузаронида шудааст, асос мебахшад, ки ташаккули бомуваффақияти фарҳанги касбии омӯзгориояндаро тавассути татбиқи шартҳои зерини педагогӣ ба даст овардан мумкин аст:

1. **берунӣ** - дохил намудани моделҳои назариявии мувофиқ дар раванди таълим:

-таъсири касбӣ ва педагогӣ ба тамоми соҳаҳои шахсият;

-принсипи интегратсия дар сохтмони мазмуни таълим;

-таъсироти омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, психологӣ;

2. **дохилӣ** - рушди ҳавасмандии мувофиқ;

-татбиқи муносибати тафриқавӣ, инфиродӣ-шахсӣ дар таълими донишҷӯён;

- татбиқи вазифаҳои таълимӣ ва педагогии дорои хусусияти эвристикӣ, тадқиқотӣ, эҷодӣ дошта дар раванди таълим;

-ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои психологӣ;

-бедор намудани шавқу ҳавас, ваҷҳиёт ва ғ.

Илова бар ин, сифатҳои инсонии омӯзгори оянда ниҳоят заруранд, ки барои ба вуҷуд овардани муносибатҳои мусоид дар раванди таълим, шарти муҳими касбӣ мегарданд.

Низоми шароитҳои педагогии ба ҳам алоқаманди ташаккули фарҳанги касбии донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ, ки мо онро дар асоси тадқиқоти васеи назариявии олимони хориҷиву ватанӣ ва аз амалияи оммавии таълимии муассисаҳои таълимӣ ҷудо кардаем, тамоми шароитҳоро фаро намегирад. Гуногунии чунин шароитҳо танҳо аз рӯи баҳодиҳии якҷояи муаллимон ва донишҷӯён самараноктаранд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуллина, О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования/О.А. Абдуллина. - М.: Просвещение, 1984. - 208 с.
2. Амонов, Н.К. Психологические основы педагогического общения (на тадж.яз). /Н.К. Амонов. - Душанбе: Сино, 2003. - 65 с.
3. Андреев, В.И. Педагогика: учебный курс для творческого саморазвития/ В.И. Андреев.- Казань. 2002. - 264 с.
4. Арнольдов, А.И. Введение в культурологию. Учебное пособие / А.И. Арнольдов - М.-1993. - 349 с.
5. Барабанщиков, А.В. Педагогическая культура офицера/А.В.Барабанщиков.-М.1985. – 159 с.
6. Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества /М.М.Бахтин.- М.:- 1979. – 445 с.
7. Бердяев, Н.Н. Самопознание. / Н.Н. Бердяев.- М. - 1991. - 446 с.
8. Беспалько, В.П. Слагаемые педагогической технологии/В.П. Беспалько.-М.: 1989.- 191 с.
9. Бондаревская, Е.В. Педагогика: личность в гуманистических теориях и системах воспитания / Е.В. Бондаревская - Ростов н/Д., 1999.-560 с.
10. Вербицкий, А.А. Проектно-контекстная подготовка специалиста /А.А. Вербицкий// Высшее образование сегодня.-2015.-№4.- с. 2-8
11. Гришин, Э.А. Теория и практика профессионально-этической подготовки учителя в системе высшего педагогического образования: автореф. дисс.... докт. пед. наук: 13.00.01./Э.А. Гришин - М.-1981. - 45 с.
12. Злобина, Е.Г. Общение как фактор развития личности /Е.Г. Злобина. - Киев: Наукова думка, 1981.- 115 с.
13. Кан - Калик, В.А. Учителю о педагогическом общении: Книга для учителя/В.А. Кан - Калик. - М.: Просвещение, 1987. - 190 с.
14. Кант, И. Трактаты и письма/И.Кант.- М.:- 1980.-711 с.
15. Краевский, В.В. Общие основы педагогики/В.В. Краевский.- М.- 2003. – 255 с.
16. Кузьмина, Н.В. Методы исследования педагогической деятельности/Н.В. Кузьмина.-М.- 1970. – 114 с.

17.Мудрик, А.В. Общение школьников как фактор воспитания. Монография/А.В. Мудрик.-М.: Педагогика, 1984. - 108 с.
18.Педагогика: учеб.пособие/ В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, А.И. Мищенко, Е.Н. Шиянов. М., 2002. – 512 с.
19.Сергеев, Н.К. Непрерывное педагогическое образование: концепция и технологии учебно-научно-педагогических комплексов (Вопросы теории) / Н.К. Сергеев.- СПб.-1997.- 6 с.
20.Сериков В.В. Личностно-ориентированное образование /В.В. Сериков// Педагогика. №5. 1994. – С. 16-21.
21.Сластенин, В.А. Методы воспитания: учеб.пособие/В.А. Сластенин.-М., 1998.- 460 с.
22.Шарифзода, Ф.Общая и профессиональная педагогика/Ф. Шарифзода, А.М. Миралиев. - Душанбе: Ирфон.2012. - 562с.
23.Шарофов, Ш.А. Общение, его влияние на личность и соблюдение правил межличностного общения (на тадж яз.)/Ш.А. Шарофов. – Худжанд, 2009. - 240 с.

**REFERENCES:**

1. Abdullina, O.A. General pedagogical training of a teacher in the system of higher pedagogical education / O.A. Abdullina. - M.: Enlightenment, 1984. - 208 p.
2. Amonov, N.K. Psychological foundations of pedagogical communication /N.K. Amonov. - Dushanbe: Sino, 2003. - 65 p.
3. Andreev, V.I. Pedagogy: a training course for creative self-development. / IN AND. Andreev - Kazan. 2002. - 264 p.
4. Arnoldov, A.I. Introduction to cultural studies. Study guide. / A.I. Arnoldov - M.: -1993. -349 p.
5. Drummers, A.V. Pedagogical culture of an officer. M.: / A.V. Drummers 1985. - 159 p.
6. Bakhtin, M.M. Aesthetics of verbal creativity / M.M. Bakhtin M.: - 1979. - 445 p.
7. Berdyaev, N.N. Self-knowledge. / N.N. Berdyaev M.: - 1991. - 446 p.
8. Bespalko, V.P. Components of pedagogical technology. / V.P. Bespalko M.: 1989.- 191 p.
9. Bondarevskaya E.V. Pedagogy: personality in humanistic theories and systems of education / E.V. Bondarevskaya - Rostov n / D., 1999.-560 p.
10. Verbitsky, A.A. project - contextual training of a specialist //A.A. Verbitsky Higher education today. 2015.№4. – P. 2-8
11. Grishin E.A. Theory and practice of professional and ethical training of a teacher in the system of higher pedagogical education: author. diss.... doc. ped. Sciences: 13.00.01. /E.A. Grishin - M.,1981. - 45 p.
12. Zlobina E.G. Communication as a factor in the development of personality/ E.G. Zlobina. - Kyiv: Naukova Dumka, 1981. - 115 p.
13. Kan - Kalik, V.A. To the teacher about pedagogical communication: A book for the teacher/V.A. Kan-Kalik. - M.: Enlightenment, 1987. - 190 p.
14. Kant, I. Treatises and letters / I. Kant M. - 1980.-711 p.
15. Kraevsky, V.V. General foundations of pedagogy/ V.V. Kraevsky M.: - 2003. - 255 p.
16. Kuzmina, N.V. Methods of research of pedagogical activity/ N.V. Kuzmina M.: - 1970. - 114 p.
17. Mudrik, A.V. Communication of schoolchildren as a factor of education. Monograph. /A.V. Mudrik. - M.: Pedagogy, 1984. - 108 p.
18. Pedagogy: textbook/ V.A. Slastenin, I.F. Isaev, A.I. Mishchenko, E.N. Shiyanov. M., 2002. - 512 p.
19. Sergeev, N.K. Continuing Pedagogical Education: The Concept and Technologies of Educational-Scientific-Pedagogical Complexes/ N.K. Sergeev (Questions of theory). SPb., 1997.- 6 p.
20. Serikov V.V. Person-oriented education // V.V. Serikov Pedagogy. No. 5. 1994. - P. 16-21.
21. Slastenin, V.A. Methods of education: study guide. /V.A. Slastenin M., 1998. -460 p.
22. Sharifzoda, F., General and professional pedagogy. /F. Sharifzoda, A.M. Miraliev. - Dushanbe: Irfon. 2012. - 562s.
23. Sharofov, Sh.A. Communication, its influence on the personality and compliance with the rules of interpersonal communication / Sh.A. Sharofov. - Khujand, 2009. - 240 p